*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-017–и назди Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, (суроғаи 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи С.Айнӣ 44)*

# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Раҳмон Юсуф Азим дар мавзуи «Такмили механизми идоракунии комплекси авиатсионӣ дар шароити муосир» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.06 - Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.04 – Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) пешниҳод шудааст.

Низоми нақлиёти авиатсионӣ (ННА) қисми ҷудонашавандаи низоми ягонаи нақлиёти давлатӣ буда, маҷмуи ҳавопаймоҳо ва комплекси иншооти рӯизаминиро дарбар мегирад. Омода ва таъмин намудани парвозҳо, омодагии кормандоне, ки ба истифодабарӣ ва таъмири ҳавопаймоҳо ва воситаҳои рӯизаминӣ машғуланд, қисми таркибии ин низом мебошад. Низоми нақлиёти авиатсияи гражданиро, ки фарогири низоми ҳайати идоракунии ҳавопаймоҳо, яъне экипажи онҳо, низоми идораи ҳаракати ҳавоӣ, низоми идоракунии масири парвози ҳавопаймоҳо, маҷмуи қоидаҳо ва усулҳои истифодабарии техникии ҳавопаймоҳо ва низоми таъминот аст. Унсурҳои таркибии низоми нақлиёти авиатсияи гражданӣ дар як муҳити ягона бо ҳамдигар дар иртибот буда, дар маркази қабули қарорҳо баъд аз таҳлили иттилооти беруна ва маълумоти барномавии парвоз қарори дахлдор пазируфта мешавад, вале танзимгарон ва экипажи ҳавопаймоҳо пас аз таҳлили маълумотҳои ҳақиқии парвоз оид ба идоракунии воситаҳои ҳаракати ҳавоӣ қарор қабул мекунанд. Фаъолияти комплекси авиатсионӣ дар ҳаёти инсонӣ нақши бағоят муҳим бозида, барои рушди ҳаракат ва аз як макон ба макони дигар интиқол ёфтан ва сайр намудани аҳолӣ, баҳри некуаҳволии кишвар масъул аст. Ин соҳа бо ҷанбаҳои худ масъулияти баланди марбут ба бехатарии ҳаёти инсонӣ, дар иқтисодиёти

ҷаҳони муосир саҳми назаррас дошта, мавриди таваҷҷуҳи хоси илмӣ қарор дорад. Айни замон бисёр масъалаҳои ҳалталаб дар комплекси авиатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷуд аст, ки дар натиҷаи дигаргуншавии шароити хоҷагидорӣ ва муносибатҳои иқтисодӣ дар рӯи кор омаданд ва тарҳи наву такмили механизмҳои идоракунии онро тақозо менамояд. Ин мубрамият муаллифро водор намудааст, ки ҳадафи таҳқиқоти диссертатсионии худро ба таҳқиқи роҳҳои такмили механизми идоракунии комплекси авиатсионӣ муайян намуда, дар ин самт пешниҳоду тавсияҳои судманд асоснок намояд.

Муаллиф дар автореферат дуруст қайд мекунад, ки “мушкилоти асосӣ дар он аст, ки низомҳои миллии нақлиёти ҳавоӣ ҳамаи хизматрасониро самаранок идора намекунанд ва барои баланд бардоштани рақобатпазирӣ аз имкониятҳои бозори ҳамлу нақли ҳавоӣ, ки ҳам тамоми мусофирон ва ҳам борҳоеро дарбар мегирад, ки аз ҷониби ширкатҳои маҳаллӣ ва дохилии Тоҷикистон ворид ва ё хориҷ мешаванд, пурра истифода намебаранд, дар ин ҳолат низомҳои нақлиёти ҳавоии хориҷӣ мунтазам меафзоянд” (с 12.) Барои ҳалли ин мушкилот вай омилҳои таъсиррасонро ба механизми идоракунии комплекси авиатсионӣ тавсиф намуда, асосҳои методикаи идоракунии объекти таҳқиқотро дар заминаи назарияи идоракунии сифат ва тавсияҳои нави Созмони байналмилалии авиатсияи граждaнӣ (СБАГ-ИКАО) таҳия намудааст ва тамсилаи системавии амалкарди комплекси авиатсионӣ бо назардошти алтернативаи бисёр доштани андозаҳои комплекс ва мураккаб будани алоқаҳои унсури он таҳия ва пешниҳод намудааст.

Албатта, таҳқиқоти диссертатсионӣ комилан дар автореферат дарҷ намеёбад, бинобар он, дар мавриди мутолиаи автореферат эроду пешниҳодро ба миён меорад. Масалан, ба назари мо:

1) Мутобиқ ба мавзӯи таҳқиқот механизмҳои нави идоракуниро вобаста ба тамоюл ва тағйироти сохторӣ (ҳиссаи ҳар як унсури комплекс) ва динамикаи онҳо бояд таҳлили васеъ мешуд;

2) Таҳлили индикаторҳои самаранокии идоракунӣ низ, дар автореферат дарҷ наёфтаннд.

Аммо ин эродҳо сатҳи назариявию амалии таҳқиқоти диссертатсионии Раҳмон Юсуф Азимро коҳиш намедиҳад. Дар умум, мазмуни автореферат шаҳодат медиҳад, ки диссертатсия таҳқиқоти ҷиддии илмӣ буда, мустақилияти муаллифро дар пажӯҳишу ҳалли муаммоҳои илмии мавзуи интихобшуда нишон медиҳад.

Бинобар ин, кори диссертатсионии муаллиф дар мавзуи «Такмили механизми идоракунии комплекси авиатсионӣ дар шароити муосир» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.06 - Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.04 – Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси номбурда мебошад.

Тақриздиҳанда:
мудири кафедраи менеҷменти
инвеститсионӣ ва маркетинги
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон,
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Бегмуродов С.Ш.

Суроға: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Н.Қарабоев, 63/3. Тел.: +992 881116135. e-mail: begmurodovs@mail.ru

Имзои н.и.и., дотсент Бегмуродов С.Ш.-ро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДТТ Бухориев Н.А.